# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

## Исо ва Элъозор



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2022 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Марям ва Марто хавотир буданд, чунки бародари онҳо, Элъозор бемори хеле сахт буд. Хоҳарон медонистанд, ки Элъозор метавонад, ки ба зудӣ мирад.  Онҳо барои овардани Исо одам фиристоданд. Исо ин оилаи хурдакакро ки дар деҳаи Байт-Анё зиндагӣ мекарданд, дӯст медошт.



Ҳангоме ки Исо дар бораи Элъозор шунид, ба шогирдонаш гуфт: “Ин беморӣ бо марг поён нахоҳад ёфт”.  Исо чандин километрҳо дур бошад ҳам, аниқ медонист, ки бо Элъозор чӣ ҳодиса рӯй медиҳад.



Исо пеш аз он ки ба Байт-Анё равад, ду рӯз мунтазир шуд.  Баъд Ӯ чизе гуфт, ки шогирдонашро ҳайрон кард.  “Элъозор мурдааст.  Ман хурсандам, ки дар он ҷо набудам, то шумо бовар кунед”.  Ин суханони аҷиб чӣ маъно доштанд?  Исо чӣ кор карданӣ буд?



Вақте ки
Исо ба
Байт-Анё омада
расид, аз марги Элъозор
чор рӯз мегузашт. Ҷасади
вай ба либоси дафнӣ
печонида шуда,

дар ғоре ба
мисли қабр
гузошта
шуда буд.



Марто ба пешвози Исо баромад. Исо ба вай гуфт, ки бародари ту аз нав зинда мешавад. “Ҳа, ман медонам, дар зиндашавии рӯзи охир” — ҷавоб дод Марто. Вай фикр кард, ки барои боз дидани Элъозор, бояд то рӯзи қиёмат интизор шавад. Аммо Исо дигар чизро дар назар дошт.





Ӯ ба Марто гуфт: “Ман Ҳамоне ҳастам, ки мурдагонро зинда мекунад ва ҳаёт мебахшад. Касе ки ба Ман имон дорад, бимирад ҳам, зинда мешавад”. Марто ба Исо бовар кард. Ӯ медонист, ки Исо Писари Худост. Аммо Исо чӣ хел ба Элъозор ёрӣ дода метавонист?

Аз марги Элъозор ҳама ғамгин буданд.  Хоҳари ӯ, Марям гиря мекард.  Дӯстонаш ҳам ки вайро дилбардорӣ додан мехостанд, мегиристанд.  Исо низ гиря мекард.



Исо ҳамроҳи одамон сари қабр рафт.  Дар назди дари он санги калоне гузошта шуда буд.



Исо фармон дод, ки сангро дур кунанд.  Марто гуфт: “Хоҷа, то ин вақт дар он ҷо бӯй пайдо шудааст, зеро чор рӯз шуд, ки вай мурдааст”.




Мардон бо
фармони Исо
сангро дур карданд.
Баъд Исо ба Падари
осмониаш дуо кард.
Исо муъҷизаи чунон
бузурге кардани буд,
то одамон аз тарафи
Худо фиристода шудани
Ӯро донанд.


“Элъозор!
Берун баро” — фарёд кард Исо. Одамон бояд бо ҳайрат ба тарафи ғор нигоҳ карда бошанд. Оё Исо одами мурдаро зинда карда метавонист?


Бале! Элъозор ки пурра бо либосҳои дафнӣ печонда шуда буд, аз ғор зинда баромад.


Исо гуфт: “Вайро кушоед ва монед, ки равад.”
Чӣ қадар хурсандие дар он ҷо буд! Ашкҳо ба ханда табдил ёфтанд. Исо ба ваъдааш вафо кард. Элъозор аз нав зинда шуда буд. Танҳо Писари Худо ба одами мурда ҳаёт бахшида метавонист.

Бисёр одамоне, ки ин муъҷизаро диданд, ба Исо имон оварданд. Вале баъзеҳо дар бораи корҳои Ӯ ба душманонаш, яъне ба роҳбарони маъбад хабар кашиданд. Онҳо аз рӯйи бахилӣ қасд карданд, ки Исоро мекушанд. Исо инро фаҳмида, муддате ба ҷойи дигар рафт.



# Исо ва Элъозор

Ҳикоя аз Каломи Худо

Юҳанно 11

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо накл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16